**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (Eremurus) дар шароити гуногуни экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6 .Биохимия пешниҳод гардидааст.**

Растании сич ҳамчун растании ороишӣ маълум буда, дар маҷмӯъ тақрибан 50 намуди он маълум аст, ки аз онҳо 29 намудаш дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯянд. Аз ин шумора 9 намуди он ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудааст. Вобаста ба ин, яке аз самтҳои муосири физиология ва биохимияи растаниҳо ҷустуҷӯ ва омӯзиши моддаҳои табиии фаъоли биологӣ мебошад, ки сарчашмаи онҳо ашёи хоми ғайримуқаррарии наботот ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки то имрӯз пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании сич пурра омӯхта нашудаанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании сич (*Eremurus*) ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳими ашёи хом барои истеҳсоли доруҳои растанигӣ аҳамияти калон дорад, зеро он аз пайвастагиҳои гуногун, аз ҷумла равғанҳои муммонанд, фенолҳо, сафедаҳо, полисахаридҳои дар об ва кислота ҳалшаванда — глюкоманнан, фруктозан ва моддаҳои пектин бой мебошад, ки аз ҷониби диссертант Султонмамади Гулмамад мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотии муаллифи диссертатсия дар конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба 75-солагии рӯзи таваллуди профессор Е.В. Барковский (Минск, 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон (2021), бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019–2021)» (Данғара, 2021), инчунин дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии Муассисаи давлатии таълимии ДДТТ (2021), бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5-солагии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон (Данғара, 2021) маърӯза гардидаанд.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Султонмамади Гулмамад дар мавзӯи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи навоварӣ ва асоснокии илмӣ, он ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он, бе шак, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири лабораторияи «Ғанигардонии маъдан»
Институти химияи ба номи В.И. Никитин
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои химия Сафаров С.Ш.

**Суроға**: 734039 Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи к/с. Килаӣ,
деҳ. Кулписта, хонаи 60
Тел: (+992) 900022442
E-mail: cafi@mail.ru

Имзои Сафаров С.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти химияи
ба номи В.И. Никитин АМИТ Раҳимова Ф.

**Суроға:** 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 299/2 ,
Институти химияи ба номи В.И. Никитин, АМИТ
Тел: (+992) 90 002 24 42
E-mail: info@chemisrty.tj

“ 05 ” 03 соли 2026